# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири суръатёбии раванди индустриаликунонӣ ва фаъол гардидани равандҳои инноватсионӣ масъалаҳои таъмини фаъолияти самараноки бозори меҳнат аҳаммияти махсуси иҷтимоию иқтисодӣ касб менамоянд. Ташаккули бозори меҳнати мутавозин, таъмини шуғли пурсамари аҳолӣ, баланд бардоштани сифати захираҳои меҳнатӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба тағйироти сохтории иқтисодиёт аз ҷумлаи заминаҳои муҳимтарини таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он ба ҳисоб меравонд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Шералии Сайдалӣ, ки ба такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ дар мисоли вилояти Хатлон бахшида шудааст, мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Ба мавзуи интихобгардида, махсусан, мушкилоти хоси минтақаи таҳқиқшаванда, аз ҷумла зиёд будани пешниҳоди қувваи корӣ нисбат ба талабот ба он, маҳдуд будани ҷойҳои корӣ, ба талаботи иқтисодиёт пурра мутобиқ набудани сохтори касбию тахассусии захираҳои меҳнатӣ ва зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ аҳаммияти бештар мебахшанд.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи онро ба таври кофӣ мушаххас муайян намуда, фарзияи таҳқиқотро пешниҳод ва асосҳои назариявию методологӣ ва пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро муайян кардааст. Вазифаҳои гузошташуда бо мақсади диссертатсия мантиқан алоқаманд буда, дар бахшҳои асосии таҳқиқот пайдарпай мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Омӯзиши асосҳои назариявию методии фаъолият ва идоракунии бозори меҳнат, ки аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст, сазовори баҳои мусбат мебошад. Диссертант муқаррароти асосии назарияҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсӣ, институтсионалӣ, монетаристӣ ва дигар консепсияҳои бозори меҳнатро ҷамъбаст намудааст. Дар заминаи омӯзиши равишҳои мавҷудаи илмӣ муаллиф фаҳмиши худро оид ба мазмуну моҳияти бозори меҳнат дар шароити ташаккули иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ пешниҳод кардааст.

Яке аз бартариҳои муҳими таҳқиқот хусусияти минтақавӣ доштани он мебошад. Муаллиф вазъи муосири бозори меҳнати вилояти Хатлонро таҳлил намуда, динамикаи шуғл ва бекорӣ, хусусиятҳои ташаккули талабот ва пешниҳоди қувваи кориро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар асоси SWOT-таҳлил ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи бозори меҳнати минтақа, имкониятҳои мавҷуда ва таҳдидҳои эҳтимолии рушди минбаъдаи он муайян ва низомбандӣ гардидаанд.

Таснифи омилҳои ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсиррасонанда, ки аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст, дорои аҳаммияти муайяни илмӣ мебошад. Баррасии макроомилҳо, мезоомилҳо ва микроомилҳо имконият фароҳам овардааст, ки шароити фаъолияти бозори меҳнати минтақавӣ ба таври маҷмуӣ арзёбӣ гардида, самтҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии он муайян карда шаванд.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили танзими давлатии бозори меҳнат дорои унсурҳои муайяни навгонии илмӣ мебошанд. Аз ҷумла, равишҳои пешниҳодшуда оид ба ташаккули низоми дусатҳаи танзими бозори меҳнати вилояти Хатлон, рушди иқтидори инноватсионии меҳнатии минтақа ва такмили ҳамкории субъектҳои бозори меҳнат қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити рушди индустриалӣ-инноватсионӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод шудааст, низ сазовори баҳои мусбат мебошад. Муаллиф зарурати истифодаи маҷмуии воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии танзим, баланд бардоштани сифати иқтидори кадрӣ, рушди омодасозӣ ва бозомӯзии касбии кормандон, инчунин васеъ намудани имкониятҳои шуғли пурсамари аҳолиро асоснок намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф ҳангоми таҳия ва такмили барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, инчунин дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ифода меёбад. Қобили қайд аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот барои истифодаи амалӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар мавриди муҳокима ва тасвиб қарор гирифтаанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 12 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба табъ расидаанд.

Дар баробари бартариҳои зикршуда, дар автореферати диссертатсия баъзе нуктаҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти мубоҳисавӣ дошта, баён намудани онҳо ба сифати эрод мувофиқи мақсад мебошад:

**1.** Ҳангоми баррасии таҷрибаи хориҷии танзими бозори меҳнат аз ҷониби муаллиф доираи нисбатан васеи кишварҳо ва воситаҳои алоҳидаи танзим мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, ба таври мушаххастар нишон додани он ки кадом унсурҳои таҷрибаи хориҷӣ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоию демографӣ ва соҳавии вилояти Хатлон барои минтақа бештар қобили қабул мебошанд, ба манфиати кор мебуд.

**2.** Дар автореферат ба таъсири рушди индустриалӣ-инноватсионӣ ба бозори меҳнат таваҷҷуҳи назаррас зоҳир карда шудааст. Ба андешаи мо, агар меъёрҳои миқдории арзёбии таъсири тадбирҳои пешниҳодшуда ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии минтақа

мушаххастар нишон дода мешуданд, аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам бештар мегардид.

Эродҳои зикргардида асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмию амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд ва ба баҳои умумии мусбати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Дар маҷмуъ, мухтавои автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳқиқоти илмии мустақилона ва анҷомёфта буда, дорои муқаррароти аз ҷиҳати илмӣ асоснок, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ мебошад, ки барои рушди иқтисодиёти меҳнат ва такмили идоракунии бозори меҳнати минтақавӣ аҳаммияти муайян доранд.

Муҳтавои автореферат муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври кофӣ инъикос намуда, корҳои илмии нашрнамудаи муаллиф ба самт ва муҳтавои таҳқиқоти анҷомдодашуда мутобиқат менамоянд.

Диссертатсияи Шералии Сайдалӣ ба талаботи муқарраргардида нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад.

**Муқарриз:**
д.и.и., дотсент, мудири кафедраи
соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Одиназода К.С.

Имзои К.С. Одиназодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

«____» ____________ соли 2026